**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

аз «3» марти соли 2022 № 91/ӣл. ш. Душанбе

Дар бораи рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270),

## ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-028 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ба Хоҷамиров Муслиҳиддин Хоҷамирович дар мавзӯи «Хусусиятҳои лексикӣ-семантикӣ ва сохтории «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидуддини Фазлуллоҳ» аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, бинобар риоя нагардидани талаботи фармоиши Комиссия аз 27 апрели соли 2020, №4 бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ба Хоҷамиров Муслиҳиддин Хоҷамирович рад карда шавад.
3. Баррасии такрории диссертатсияи Хоҷамиров Муслиҳиддин Хоҷамирович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тибқи муқаррарот ба роҳ монда шавад.
4. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2022, №2.

Раис Розиқзода А.